**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳти давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Таҷриба ва таҳаввулоти солҳои охир собит намуд, ки низоми бонкӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта, ҳамчун омили асосии қонеъ гардонидани талабот дар ҷомеаи иқтисодӣ мебошад ва тавасути мутамарказ кардани сарчашмаҳои зиёди пулӣ ва дар заминаи ин қонеъ кардани талаботҳои рузафзуни доимотағйирёбандаи сатҳи истеҳсолот ва эҳтиёҷоти тамоми қишри ҷомеа хизмат мероасонад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ аз ҳолати хуби устуворӣ ва иқтидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад.

Аз ин лиҳоз интихоби мавзӯи мазкур аз нуқтаи назари замонави буданаш актуалӣ ва фарогири масъалаҳои муҳими устувории бонкӣ мебошад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ аз ҳолати хуби устуворӣ ва иқтидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад.

Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза мавзӯи интихобгардида бо назардошти талаботҳои замони муосир аз якчанд нуқтаи назар зарурӣ ва актуалӣ мебошад. Ҳамзамон тар таҳия татбиқ ва коркардҳои анҷомгардидада мазмуни афтореферати диссертатсия ба матни он мувофиқ буда, моҳияти илмии ҷараёни таҳқиқотро боназардошти таҳлилҳои нишондиҳандаҳои муҳими бонкӣ пурра инъикос менамояд.

Инчунин таҳлилҳои нуқтаи назари олимон дар самти мавзӯъ ба талабот ҷавобгӯ мебошад ва моҳияти кори илмиро инъикос менамояд. Ҳамчунин дар автореферати мазкур як қатор таҳлилҳои дар шакли нақша ва ҷадвалҳо аз тарафи муаллиф роҳандозӣ гардидааст, ки мукаммалии ҷараёни тақиқи илмиро нишон медиҳад.

Ҳамчунин дар шароити имрӯза таҳлилу пешниҳодҳои анҷомгардида дар масъалаҳои актуалии хизматрасониҳои қарзии низоми бонкӣ зарурӣ мебошад.

Гуфтан зарур аст, ки муваффақиятҳои уновонҷӯ дар таҳқиқоти анҷомгардида муваффақиятҳои онро ифода менамод. Сарфи назар аз дастовардҳои кори илмӣ, муаллиф бояд ба мавриди зер таваҷҷуҳ медод:

1. Механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон бояд бо таҷрибаи ягон давлати пешрафтаи низоми бонкиаш ба низоми бонкии Тоҷикистон монанд аниқ муқоиса карда мешуд;

Автореферати диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Сардори Шуъбаи назорати бонкдории исломии
Департаменти назорати бонкии БМТ
н.и.и. Уроқова К.

Дурустии имзои Уроқова К-ро тасдиқ менамоям.
Сардори идораи кормандони БМТ Сайдвалиева О.С.

ИДОРАИ КОРМАНДОН
УПРАВЛЕНИЕ ПЕРСОНАЛОМ

**Суроға.** Бонки миллии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 38/1; Тел.: + (992) 44 600-32-27; Факс: + (992) 44 600-32-35; E-mail: info@nbt.tj